**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.06.2024, № 54

Дар бораи сазовор донистани Расулзода Рухсора, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзуи "Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он" аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 8-уми апрели соли 2024 (Протоколи №47) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Расулзода Рухсора 25.09.1995 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Ҳамчунин, соли 2022 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро бо ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ, забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз 04 – уми ноябри соли 2017 унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ ба шумор рафта, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул мебошад. Аз соли 2015 то инҷониб дар самти идоракунии ҳайати кадрӣ кор ва фаъолият менамояд. Айни ҳол ба ҳайси сардори шуъбаи умумӣ ва кадрҳои МД "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" кору фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ**:

**Назарзода Сайфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

**Асомаддинов Мирзомуҳиддин Аслудинович** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби

мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Маҷидов Д. Ҳ., котиби маҷлис муаллими калони кафедра Азизмуродов М.Р. ва эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз), номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедра Сулаймонов Б.С. имзо гардидааст, қайд менамоюд, ки диссертатсияи Расулзода дар мавзуи “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Расулзода Рухсора оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар 3 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

[1–М]. Тағоева, Р.Р. Масъалаҳои назариявию методологии сиёсати забони давлатӣ [Матн] / Р.Р.Тағоева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. – 2018. – №1 – С. 92-98. ISSN 0235 – 005X

[2–М]. Тағоева, Р.Р. Сиёсати забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он [Матн] / Р.Р.Тағоева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. – 2018. – №3. – С.144-148. ISSN 0235 – 005X

[3–М]. Тағоева, Р.Р. Масъалаҳои назариявию методологии сиёсати забони давлатӣ [Матн] / Р.Р.Тағоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2019. – № 4-1. – С.318 – 324. ISSN 2413 - 5151

[4–М]. Тағоева, Р.Р. Баъзе хусусиятҳои байналмилалии забони тоҷикӣ ва дурнамои инкишофи он [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Р.Р. Тағоева. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. – 2019. – №3. – С.119-125. ISSN 0235 – 005X

[5–М]. Тағоева, Р.Р. «Нақши забони тоҷикӣ дар ташаккули ғояи миллӣ [Матн] / Р.Р.Тағоева // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. – 2019. – №4 (81). – С.157 -164. ISSN 2411 – 1945

[6–М]. Расулзода Р. Масъалаҳои стратегияи сиёсати забонӣ [Матн] / Р. Расулзода // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2024. – №1 (9) 2024. – С.161 – 168. ISSN 2090 – 3567.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо.**

[7–М]. Тағоева, Р.Р. Сиёсати забон объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ. [Матн] / Р. Тағоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ”. – Кӯлоб, 2023. – С. 312-314.

[8–М]. Муҳаммад А.Н., Тағоева, Р.Р. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон ҳамчун омили ташаккули давлатдории навин. [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Р. Тағоева // Маводи конференсияи илмию амалӣ бахшида ба рӯзи забони модарӣ. / Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ-омавӣ). 2022. №2-3 (2-3). – Душанбе, 2022. – С.29-38.

[9–М]. Тағоева, Р.Р. Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он. [Матн] / Р. Тағоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ // Материалы международной научно – практической конференции «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва тарҷума». – Душанбе, 2024. – С. 222-228.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Муҳаммадҷонзода О.** - доктори илми филология, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва се эрод дорад:

- дар истифодаи мафҳумҳои асосии мавриди истифода дар сиёсати давлатӣ оид ба забон гуногунрангӣ дида мешавад;
- инчунин, истифода аз се барномаи давлатӣ оид ба рушди забони давлатӣ, силсилакитобҳои Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Забони миллат - ҳастии миллат” ва дигар маводи таҳлилие, ки Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми беш аз 25 соли фаъолияташ омода ва амалӣ намудааст, муфид мебуд;
- дар рисола ғалатҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

**Комилбек А.Ё.** - доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев. Тақриз мусбат аст ва як эрод дорад:

- баробар ба арзишҳои муҳими илмӣ дар автореферати диссертатсия хатогиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд ва islоҳи онҳо салоҳияти муаллиф мебошанд;

**Нуриддин П.Р.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат аст ва се эрод дорад:

- дар автореферати диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки қобили ислоҳанд.

- хуб мешуд, агар дар кори таҳқиқотии мазкур масъалаҳои татбиқи сиёсати берунии забон, таъсири он ба муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани имиҷи давлат, эътибори он дар ҷаҳон, боло рафтани боварӣ ба он ва алоқаҳои тамаддунии он боз ҳам васеътар таҳлилҳо анҷом меёфтанд, чунки масъалаҳои дар боло зикршуда яке аз қисмҳои марказии сиёсати забонӣ ба шумор мераванд.

- дар диссертатсия муаллиф доир ба масъалаҳои пок нигоҳ доштани забон дар шароити мураккаби рақобати забонӣ, бархӯрди тамаддунҳо, таъмини амнияти иттилоотии давлат ва дар гардиши илмӣ мафҳуми таъмини амнияти забонӣ таҳлилҳо анҷом додааст, аммо фикри шахсии муаллиф вобаста ба масъалаҳои зерин пешниҳод карда нашудааст.

**Дустзода Ҳ.Ҷ. -** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабии муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва се эрод дорад:

- хуб мебуд, агар дар қисмати “Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ”-и мукаддимаи автореферат муаллиф аз асари дуҷилдаи Пешвои миллат - “Забони миллат - ҳастии миллат”, бештар ёдовар мешуд, зеро ин китоби мондагор дар таҳкими сиёсати имрӯзаи забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи меҳварӣ дорад.

- ба назари мо, кисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо” дар автореферат муфассал буда, дар таносуб бо бобу фаслҳо хеле васеъ мебошад.

- автореферати диссертатсия аз ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ орӣ нест ва ба таҳрири забонӣ ниёз дорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон, масъалаҳои сиёсии рушди забони тоҷикӣ, мавқеи он дар шароити глобалӣ, муқовимату зиддиятҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ, рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ, мавқеъ ва нуфузи забони давлатӣ саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои татбиқи сиёсати забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқоти сиёсӣ нисбати сиёсати забони давлатӣ муайян карда шудааст;

- хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ ва мазмуну моҳияти он баррасӣ гардидааст;

- масъалаҳои татбиқи сиёсати забонӣ ва технологияҳои сиёсии он муайян шудааст;

- сиёсати забонӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст;

- масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, дурнамои инкишофи он пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** таҳлилҳои ҳамаҷонибаи дар он баёнгардида оид ба сиёсати забонӣ барои рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ҷиддитар муносибат кардан ба масъалаи мазкур мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ба муҳаққиқони сиёсатшинос метавонад ҳамчун маводи илмӣ хизмат намояд. Масъалаи таҳқиқ ва таҳлилу пешниҳодҳо барои боз ҳам тақвият бахшидан ба татбиқи сиёсати забонӣ  масъалаи таҳқиқи на танҳо забоншиносон мебошад, балки ҷанбаҳои сиёсии масъалаи забонро барои боз ҳам васеътар омӯхтан имконпазир мегардад ва дар ин самт роҳи васеъро мекушояд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои онро метавон дар амалияи сиёсати забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва баҳри боз ҳам тақвият додани забони давлатӣ истифода намуд. Муқаррароти асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо ва курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои сиёсати забонӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода намуд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор нишондодашуда метавонад дар пешбурди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Инчунин хулосаҳои таҳқиқот барои ташаккули сиёсати забонӣ дар кишвар мусоидат менамоянд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявию методологии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд ва бо гузаронидани таҷрибаҳои дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кории илмӣ, таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф роҳҳои амалишавии сиёсати забониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сиёсати забон ва дурнамои рушди онро дар

Тоҷикистон таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 28-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Расулзода Рухсора ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 11, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /_______________/ Зокиров Г.Н.

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /_______________/ Акрамӣ З.И.

28.06.2024